**Суратҷаласаи №25**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика**

аз 3 октябри соли 2019

Иштирок доштанд:
Аз 27 нафар аъзо Шӯрои
диссертатсионӣ 23 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

3 октябри соли 2019, соати 13:00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 14:40.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Сафарзода Эҳсон "Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ", аз рӯйи ихтисоси илмии 10.01.10 – Журналистика барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М. шунида шуд.

Кор дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои таърих, профессорУсмонов Иброҳим Кенҷаевич.

**Муқарризони расмӣ**:

1. Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна – доктори илмҳои филологӣ, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон;

2. Салимзода Олим Салимович – номзади илмҳои филологӣ, Раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва

иттилооти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Ахбори котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шунида шуд.

Унвонҷӯ Сафарзода Эҳсон бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзоёни Шӯро, докторони илм М. Нарзиқул, А. Кӯчаров, Б. Мақсудов, А. Азимов, Ҳ. Саидов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор Усмонов Иброҳим Кенҷаевич тақризашро пешниҳод намуд *(Тақриз замима мегардад)*.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна – доктори илмҳои филологӣ, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Салимзода Олим Салимович – номзади илмҳои филологӣ, Раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилооти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд *(Тақризҳо замима мегарданд)*.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ низ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Нуралиев, М. Нарзиқул, Р. Раҳмонов, Б. Мақсудов, М. Муродов, А. Азимов иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд *(Сухани хотимавӣ замима мегардад)*.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзои Шӯро – Д. Хоҷаев – раис, Ф. Шарипова ва У. Сафаров – аъзоён интихоб гардид.

Аз 27 нафар аъзои Шӯро 23 нафар аъзо аз ин 6 нафар аз рӯйи ихтисосанд, иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 23, муқобил - нест, варақаи корношоям - нест.

Аъзоёни Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Сафарзода Эҳсон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж.Б.